# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05. - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Дар замони муосир тадқиқотҳои селексионӣ оиди пайдо намудани навъҳои наву серҳосили дарахтони мевадиҳанда, субтропикӣ ва дигар зироатҳо, ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар бозори дохили мусоидат менамояд. Навъҳои мунтазам мевадиҳандаи селексионии зироатҳои хоҷагии қишлоқ, ки бо ҳосили баланд ва сифати хуби мева фарқ мекунанд, ба хоҷагиҳои пешрафта, ки ин дастовардҳои нави илмро бомуваффақият истифода мебаранд, фоидаи калон меоранд.

Аз тарафи диссертант Раҳматов С.Х., як кори мукаммали илмӣ-тадқиқотии бисёрсола ба анҷом расонида шудааст. Диссертант кори илмӣ-тадқиқотии худро дар водиҳои Вахшу Ҳисор, ки генофонди хурмои шарқӣ ташкил шуда, нигоҳдорӣ мешавад ва арзиши баланди илмӣ дорад, гузарондааст. Дар натиҷа аз тарафи диссертант кори илмӣ-тадқиқотӣ оиди омузиши ҳаматарафаи навъу намунаҳои хурмои шарқӣ ба анҷом расонда шуда аст, Ӯ муваффақ шуда аст, ки навъҳои серҳосили ояндадор бо меваи сифаташ баландро ҷудо намояд. Ҳамзамон ӯ як навъи беҳтарин барои таёр кардани меваи хушкро муайян намуд аст.

Дар рафти гузарондани корҳои тадқиқотӣ дар водиҳои номбурда аз тарафи диссертант нишондиҳандаҳои маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъу намунаҳо муайян карда шуданд. Дар шароити мавҷудаи водиҳои Ҳисор ва Вахш нақш ва аҳамияти болопайвандҳои гуногун барои хурмои шарқӣ омӯхта шуда, беҳтарин тагпайванд муайян шуда аст. Инчунин реҷаи обмонӣ омӯхта шуда, нишондиҳандаи оптималии обёрӣ барои боғи хурмои шарқӣ муқаррар шудааст.

## Хулоса

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Раҳматов Сулаймон Ҳасанович як кори илмии пурра ба анҷомрасида буда, аҳамияти муҳими хоҷагидорӣ дорад ва он метавонад минтақаи кишти хурмои шарқиро дар тамоми хоҷагиҳо, аз ҷумла деҳқонию фермерӣ васеъ намояд.

Кори илмӣ-тадқиқотии иҷрошуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор дониста мешавад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯи ихтисоси 03.00.27 – хокшиносӣ,
директори МД Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал, Агентии хоҷагии ҷангал — Н. С. Ҳисайнов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Навобод – 57/1 кв – 1.
Тел: (+ 992) 883 08 98 24, E-mail: khisainov8888@ mail.ru

Имзои Н.С. Ҳисайнов -ро тасдиқ менамоям:
И.в. нозири кадрҳои Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал — М. Х. Муминова

Суроғаи муассиса: 734036, ш. Душанбе,
кучаи Балъамӣ – 9/1,
тел: (992372) 231 – 08 – 74

17 – уми феврали соли 2026